«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________________
«___»__________ 2022с.

**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ № 11**

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 18 июни 2022с. ш. Душанбе

Раисикунанда: Давлатов Хуршед Махмадович - н.и.и., мудири кафедраи молияи ДДМИТ.

Котиб: Шукуров Сухроб Музаффаршоевич - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ.

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ,Н., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Ҷумабоев Х.Қ., н.и.и., дотсент Исломов Т.С., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., муаллими калон Шодиев Ф. н.и.и. муаллими калон Урунбоева Н.А., муаллимони калон Нурублоева М.М.,., ассистентони кафедраҳо Давлатов Б.С., Расулзода Ҳ.М., Исайнова М.Ҳ., Файзулоев Ҳ.П., Ҳоҷиев Ҷ.Н. ва унвонҷӯён.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи диссертатсияи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Халифазода Саидаҳтам баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии диссертатсияи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият, таъмини рақобатпазирӣ ва муносибатҳои хоҷагидорӣ тағйир ёфта, зарурати азнавсозии

муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба миён меоянд. Дар ин раванд, ҷорӣ намудани низоми нави андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии он мутобиқ ба шароити муосир, ки манфиатҳои давлат ва субъектҳои хоҷагидорро ҳифз ва ҳимоя менамояд, бояд ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ мусоидат намояд.

Татбиқи амалии сиёсати андозӣ аз бисёр ҷиҳат аз такмили механизми маъмурикунонии андоз, бахусус дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, баҳодиҳии хавфҳои андозӣ ва дар заминаи он пурзӯр намудани назорату санҷишҳои андозӣ вобастагии калон дорад. Масоил ва мушкилоти мазкур аз баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва такмили механизми маъмурикунонии он, беҳтар намудани фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ маншаъ гирифта, таҳқиқи назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявии кишвар барои солҳои тӯлонӣ хизмат хоҳад кард. Ҳалли масъалаҳои мазкур мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти илмиро муайян намудааст.

Ҳамзамон, раванди ташаккули маъмурикунонии андоз, на ҳама паҳлуҳои низоми андозу андозбандӣ, фаъолияти самараноки мақомоти андоз ва кормандони онро инъикос менамояд, балки баъзе муқаррароти консептуалии он дар сатҳи мубоҳисавӣ қарор доранд. Аксарияти мушкилоти низоми андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии андоз татбиқи чораҳои дастаҷамъонаи танзими давлатӣ, бахусус баҳисобгирии объектҳои андозӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, дуруст ба роҳ мондани назорату санҷишҳои андозӣ, сари вақт воридшавии маблағҳои андозиро ба буҷети давлатии сатҳҳои гуногун таъмин менамояд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён: н.и.и., дотсент Нуриддинов С.З., д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Исломов Т.С., н.и.и., муаллими калон Урунбоева Н.А. ва муаллими калон Шодиев Ф. ба унвонҷӯ саволҳо дода, ба саволҳои онҳо Халифазода Саидаҳтам ҷавобҳои саҳеҳу мукаммал гардонид.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич баромад намуда, оид ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Халифазода Саидаҳтам суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодию амалӣ дошта, диссертатсияи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Шукуров С.М.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ ва Давлатов Х.М., - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Исломов Т.С., муаллими калон Шодиев Ф., баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷӯ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд намуда, сахми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Халифазода Саидаҳтам муҳаққиқи ҷавону кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи як қатор таълифоти илмӣ ва иштирокчии фаъоли конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар истифодаи самараноки механизмҳои маъмурикунонии андоз сахми назаррас мегузорад.

Халифазода Саидаҳтам ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедраҳо, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда аз ҷониби баромадкунандагон ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар Шурои олимони факултет тавсия дода шавад;

3. Қарори якҷояи кафедраҳои молия ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 18 июни соли 2022, суратмаҷлиси №11тасдиқ карда шавад.

**Раис:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
молияи ДДМИТ Давлатов Х.М.

**Котиб:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
андоз ва андозбандии ДДМИТ Шукуров С.М.

Дурустии имзоҳои **Давлатов Х.М.** ва **Шукуров С.М.- ро** тасдиқ менамоям
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ